

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№11 (4907)

ҶУМЪА, 24 ЯНВАРИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

www.sadoimardum.tj




# ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**23-юми январи соли 2025 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мутобиқи бандҳои 8 ва 9 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани ризоият барои аз вазифаи прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҳмон Юсуф Аҳмадзод бо сабаби ба кори дигар гузаштан, аз вазифаи муовини прокурори генералӣ - сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Воҳидзода Ҳабибулло Сайдулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан, аз вазифаи муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Абдуллозода Зебонисо Файзулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан, барои ба вазифаи прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Воҳидзода Ҳабибулло Сайдулло, ба вазифаи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Абдуллозода Зебонисо Файзулло ирсол гардид.**

Мутобиқи моддаҳои 18 ва 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Чиллазода Қарахон ва ба вазифаи раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Каримзода Ҷамшед Абдураҳмон ирсол шуд.

Ҳамчунин, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тағйироти кадрӣ ба амал бароварда шуд. Собирзода Эмомалӣ Абдураҳим аз вазифаи муовини якуми вазири мудофиа - сардори Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод ва вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шуд. Саидзода Бобоҷон Абдуқодир, ки то ин вақт муовини вазири мудофиа доир ба ақибгоҳ буд, аз ин вазифа озод ва муовини якуми вазири мудофиа - сардори Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид. Шералӣ Мирзо аз вазифаи вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод ва сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуд. Исфандиёри Саъдулло сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сафарзода Хуршед Сафар сардори Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардиданд.

**www.prezident.tj**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Шералӣ Мирзо**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Шералӣ Мирзо бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 23 январи соли 2025, №924**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми вазири мудофиа – сардори Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Собирзода Э.А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Собирзода Эмомалӣ Абдураҳим бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми вазири мудофиа – сардори Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 23 январи соли 2025, №925**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Собирзода Э.А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Собирзода Эмомалӣ Абдураҳим вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 23 январи соли 2025, №926**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини якуми вазири мудофиа – сардори Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Саидзода Б.А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Саидзода Бобоҷон Абдуқодир муовини якуми вазири мудофиа – сардори Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 23 январи соли 2025, №927**

# БАРҚИЯҲОИ ТАСАЛЛӢ



**22-юми январи соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Туркия муҳтарам Реҷеп Тайип Эрдоган барқияи тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он гуфта мешавад:**

**«Ҷаноби Олӣ,**

Хабари ҷон бохтан ва осеб дидани шумораи зиёди одамон бар асари сӯхтор дар меҳмонхонаи осоишгоҳи Карталкая дар музофоти Болуи Ҷумҳурии Туркия боиси андуҳи амиқи мо гардид.

Дар робита ба ин ҳодисаи фоҷиабор ҳамдардиву тасаллияти самимии инҷонибро ба Шумо, мардуми Туркияи дӯст ва пайвандону наздикони фавтидагон иброз намуда, барои ҳамаи осебдидагон шифои комил хоҳонам».

---



**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Раиси Маҷлиси бузурги миллии Туркия ҷаноби Нуман Куртулмуш барқияи тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Раис,**

Хабари ба ҳалокат расидан ва осеб дидани шумораи зиёди одамон бар асари сӯхтор дар меҳмонхонаи музофоти Болуи Ҷумҳурии Туркия моро сахт андуҳгин намуд. Дар робита ба ин фоҷиа, ба Шумо ва наздикону пайвандони фавтидагон ҳамдардии амиқи худро изҳор намуда, ба осебдидагон шифои оҷил хоҳонам.

**Бо изҳори таассуф, Рустами ЭМОМАЛӢ».**

# АЗ КУМИТАҲОИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ

**22-юми январи соли 2025 дар Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният ҷаласа баргузор гардид.**



Аъзои кумита 14 масъала, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти органикӣ», «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ», «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ», «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ», «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, ба Шурои Маҷлиси миллӣ пешниҳод намуданд.

---

**23-юми январи соли 2025 ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия баргузор гардид.**



Аъзои кумита қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ», «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ», «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ», «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» ва «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, ба Шурои Маҷлиси миллӣ пешниҳод карданд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**



# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ МАҲАКИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД АСТ

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28-уми декабри соли 2024 зимни ироаи Паёмашон ба Маҷлиси Олии мамлакат иброз доштанд, ки соли ҷорӣ мардуми шарафманди Тоҷикистон 30-юмин солгарди қабули нахустин Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли худро бо ифтихору шукргузорӣ аз соҳибватаниву соҳибдавлатӣ таҷлил намуданд. Зеро «Конститутсия ҳамчун санади тақдирсози давлати тоҷикон заминаи ҳуқуқии давлатдории мустақил, соҳибихтиёрии миллӣ ва рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишварро фароҳам овардааст», - таъкид намуданд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Тавре медонем, соли 2024 ба ифтихори 30-юмин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқдоми Пешвои миллат «Соли маърифати ҳуқуқӣ» низ эълон гардида буд. Вобаста ба ин мавзуъ бо доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Маҳмад Раҳимзода мусоҳиба доштем, ки фишурдаи онро пешниҳод менамоем:**

**- Муҳтарам Маҳмад Раҳимзода, иқдоми эълон намудани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» барои бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд чӣ аҳамият дорад?**

- Албатта, он масъалае, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёмашон дар хусуси «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон кардани соли 2024 баён намуда буданд, яке аз иқдомҳои бузургест дар роҳи барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд. Давлати ҳуқуқбунёд бе маърифати баланди ҳуқуқӣ ва бе фарҳанги ҳуқуқӣ рушд ёфта наметавонад. Вақте дар бораи маърифати ҳуқуқии инсон сухан мегӯем, он дониши ҳуқуқиеро дар назар дорем, ки шаҳрвандон дар натиҷаи қабул кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва аз худ кардани онҳо доранд. Мақсади маърифати ҳуқуқӣ баланд бардоштани шуурнокии ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ва ба ин васила ҳар чӣ хубтар риоя намудани тартиботи ҳуқуқию пойдории қонуният дар ҷомеа мебошад. Маърифати ҳуқуқиро давлат ба воситаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шарҳи онҳо ва истифодаи дурусти ин санадҳо аз тарафи шаҳрвандон амалӣ менамояд. Барои шаҳрванд маърифати ҳуқуқӣ доштан на танҳо вазифа, балки уҳдадорӣ роҷеъ ба аз худ кардани иттилоот ва дониши ҳуқуқӣ оид ба қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулкардашуда мебошад. Аз тарафи дигар, ин замина ва ё воситаест барои фарҳанги ҳуқуқии инсон, фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа. Мо бояд дарк кунем, ки то ба ҳамин рӯз мо иттилооти зиёди ҳуқуқӣ дорем, санадҳои зиёди ҳуқуқӣ қабул кардаем. Ҳамин қонуну санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар баъзе мавридҳо шояд ба тарзи бояду шояд иҷро карда нашавад. Ҷомеа бо иттилооти ҳуқуқӣ таъмин ҳаст, яъне давлат қонунҳои зиёде қабул кардааст, китобҳои зиёде дар бораи ҳуқуқ навишта шудааст, аммо фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ба дараҷаи даркорӣ рушд наёфт.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Маҷидзода Аҳлиддин Абдулҳай бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори раёсати мудофиа ва тартиботи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 23 январи соли 2025, №АП-725**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 23 январи соли 2025, №63, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ақибгоҳ озод намудани Саидзода Б.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Саидзода Бобоҷон Абдуқодир бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ақибгоҳ озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 23 январи соли 2025, №64, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Бег Сабур**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Бег Сабур бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 23 январи соли 2025, №65, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи сардори Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Шоҳиён А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Шоҳиён Абдусаттор бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 23 январи соли 2025, №66, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод намудани Амирзода О.Ҳ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Амирзода Ориф Ҳамид бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 23 январи соли 2025, №67, ш. Душанбе**
**Дар бораи сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Исфандиёри Саъдулло**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Исфандиёри Саъдулло сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 23 январи соли 2025, №68, ш. Душанбе**
**Дар бораи сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Шералӣ Мирзо**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Шералӣ Мирзо сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 23 январи соли 2025, №69, ш. Душанбе**
**Дар бораи сардори Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Сафарзода Х.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Сафарзода Хуршед Сафар сардори Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ТАЪМИНИ ЗИНДАГИИ ШОИСТА - ҲАДАФИ ОЛИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТ



**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёмашон ба Маҷлиси Олии мамлакат «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28 декабри 2024, пеш аз ҳама, чунин як нуктаи руҳбаландкунандаро баён карданд: «Моро зарур аст, ки дар заминаи амалисозии ҳадафҳои миллиамон, пеш аз ҳама, амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисодиро таъмин намоем ва сатҳу сифати зиндагии мардумро боз ҳам баланд бардорем. Зеро мардуми мо мисли халқҳои дигар мамолики мутамаддин ҳуқуқи маънавии зиндагии шоистаро доранд. Ин аст ҳадафи олии сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон».**

Дарвоқеъ, тавре шоҳид ҳастем, Ҳукумати мамлакат ҷиҳати мунтазам беҳтар гардонидани шароити зиндагии мардум нақшаҳои бузурги созандагиро роҳандозӣ карда истодааст, барномаю стратегияҳои муайяну мушаххас таҳия ва тасдиқ шуда, амалӣ мегарданд. Аз ҷумла, дар Паём қайд шудааст, ки ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сиёсати давлати Тоҷикистон мақоми хос дошта, барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳамасола зиёд карда мешавад. Инак, тавре мужда расид, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бо супориши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 1-уми сентябри соли 2025, дар қатори дигар табақаҳои ҷомеа, маоши вазифавии кормандони соҳаи тандурустӣ низ 20 фоиз зиёд карда мешавад.

Дар соли 2025-ум барои соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ 4,3 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2024-ум 840 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Ин ғамхории навбатии давлат ва Ҳукумати кишвар нисбати мо - табибон аст. Дар ин замина ёдовар шудан бамаврид аст, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ барои кормандони соҳаҳои тандурустӣ шароити бисёр хубу мусоид фароҳам оварда шудааст. Бисёр биноҳои маъмурӣ ва дармонгоҳу беморхонаҳо таври замонавӣ бунёд ва таҷдиду навсозӣ ва бо асбобу дастгоҳҳои навтарини ташхису табобат муҷаҳҳаз гардонида шуданд.

Тавре дар Паёми Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид қайд шудааст: «Умуман, дар 33 соли соҳибистиқлолӣ, ғайр аз таъмиру таҷдиди муассисаҳои мавҷудаи соҳаи тандурустӣ, бо истифода аз ҳамаи имкониятҳо 3076 муассисаи нави тиббӣ бунёд карда шуд». Ҳамзамон, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Бо вуҷуди корҳои амалигардида ба роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон ҷиҳати то Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ барои пурра бартараф намудани мушкилоту масъалаҳои муассисаҳои тандурустӣ тадбирҳои мушаххас андешанд». Аз ҷумла, тайёр намудани мутахассисон ва бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани муассисаҳои тиббӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ва афзалиятноки соҳаи тандурустӣ арзёбӣ гардида, дар ин бобат Сарвари давлат масъалаҳои норасоии мутахассисон, паст будани сифати доруворӣ ва истифодаи самараноки таҷҳизоти ҳозиразамони тиббиро бори дигар таъкид карда, барои рафъи камбудиҳо супоришҳои мушаххас доданд.

Дар ҷавоб ба ғамхорию дастгириҳои мунтазами Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моро зарур аст ва вазифадорем, ки дар таъмини рушди бомароми соҳа ва тарбияи кадрҳои баландихтисос саҳмгузор бошему хизматрасонии босифати тиббӣ ва фаъолияти босамари муассисаҳои тиббиро таъмин намоем.

---

**Абдурасул САНГИНОВ,**
**мудири кафедраи фтизиопулмонология ва бемориҳои сироятии Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон, доктори илмҳои тиб, Аълочии тандурустии Тоҷикистон**

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ МАҲАКИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД АСТ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Аз ин рӯ, дар Паёми Пешвои миллат маърифати ҳуқуқӣ махсус таъкид шудааст.

**- Воқеан, бо василаи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, новобаста аз он ки солҳои аввал дар ҳолати ногувори сиёсиву иқтисодӣ қарор доштем, санадҳои меъёрии зиёди ҳуқуқӣ қабул карда шуданд.**

- Бале, дар ҳамон шароити мураккаб Конститутсияро қабул кардем, яъне ҳанӯз дар давраи аввали соҳибистиқлолӣ заминаи ҳуқуқиро бунёд кардем.

Дар ин замина, бо ҳамроҳии академик Аъзам Маҳмудов китоби «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ»-ро навиштем. Ин аввалин китоби тоҷикӣ дар соҳаи ҳуқуқ буд, ки дастраси ҷомеаи Тоҷикистон гашт. Яъне, давлати мо ҳамон вақт ҳавасманд буд, ки ҳар як шаҳрванд дорои дониш ва маърифати ҳуқуқӣ бошад ва фарҳанги волои ҳуқуқӣ дошта бошад. Мутаассифона, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва мухолифатҳое, ки дар ҳамон давра ба вуҷуд омад, боиси паст шудани на танҳо дониши ҳуқуқӣ, балки нигилизми ҳуқуқӣ гардид. Яъне, хунукназарӣ ба қонун пайдо шуд. Дар натиҷа, талаботи ҳуқуқӣ риоя намегардид, аз ҷониби гурӯҳҳои муайян кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ содир мешуд. Баъди Амри Президент дар соли 1995, мо якчанд кодекси асосиро таҳия ва қабул кардем, аз ҷумла Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор қонунҳоро ба хотире, ки маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, фарҳангу шуурнокии аҳли ҷомеа баланд бардошта шавад.

**- Шумо ду даъват вакили мақоми олии қонунбарори мамлакат - Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон будед. Роҷеъ ба фаъолияти қонунэҷодкунии парламенти мамлакат ибрози назар мекардед?**

- Баъди таъсиси парламенти мамлакат, яъне Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми дупалатагӣ ба вуҷуд омад – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон. Дар ҳамон давра, барои он ки мо фазои муносибатҳои ҷамъиятро зери танзими ҳуқуқӣ қарор диҳем, хеле босуръат санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул кардем. Парламент дар таҳия ва қабули қонуну санадҳои меъёрии ҳуқуқии барои ҷомеа бисёр муҳим саҳми арзанда гузошт. Дар даъвати дуюм, давоми панҷ сол, мо зиёда аз 600 қонун қабул кардем. Дар даъвати сеюм, аз соли 2005 то соли 2010 бошад, зиёда аз 800, солҳои 2010-2015 (даъвати чорум) зиёда аз 600 санад ва дар даъвати панҷум (солҳои 2015-2020) зиёда аз 450 санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул кардем. Ин ҳама барои танзими ҳуқуқии соҳаҳои гуногун ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳли ҷомеа, такмили дониши ҳуқуқии шаҳрвандон равона карда шудааст. Новобаста ба ин, бубинед, боз баъзеҳо ҳанӯз ба қадри кофӣ шуури ҳуқуқӣ ё маърифати ҳуқуқӣ надоранд.

Имрӯз шаҳру деҳот, аз ҷумла Душанберо чӣ қадар зебою кабудизор кардаем, гулу дарахтони зиёди зебо шинондаем, аммо баъзеҳо ба таври бояду шояд маърифати баланди шаҳрвандӣ надоранд. Баъзеҳо мегузаранду аз шишаи тирезаи мошин қуттӣ ва ё дигар чизҳоро ҳаво медиҳанд. Дар истгоҳҳои мусофиркашони ҷамъиятӣ таксиҳои хусусӣ, автобус ё троллейбусҳои ҷамъиятиро имконият намедиҳанд, ки озодона мусофиронро фароранд ва мусофирон ба нақлиёт савор шаванд, мавқеи онҳоро танг мекунанд.

**- Соҳиби маърифати ҳуқуқӣ будан, албатта, ба ҳама дахл дорад, ҳамин тавр не?**

- Бале, аз шаҳрванди одӣ то ба шахсони масъулу мансабдор бояд дорои маърифат ва фарҳанги ҳуқуқӣ бошанд. Мо вазифадорем, ки ҳама тартиботу қонуниятро риоя кунем. Шаҳри Душанбе имрӯз шуҳрати зиёд касб кардааст ва ба шаҳри мо меҳмонони зиёд меоянд, дар пойтахти мамлакат ҳамоишҳои сатҳи баланд доир мегарданд. Мо бояд ба меҳмонон фарҳангу маърифати баланди ҳуқуқиамонро нишон диҳем.

Солҳое, ки мо дар мактаб-интернати рақами 2-и шаҳри Душанбе мехондем, ҳамин чанорҳоеро, ки имрӯз дар кӯчаҳои шаҳр қомат афрохтааст, мунтазам об медодем, дар ҳашарҳои гулшинонӣ ва дигар маъракаҳои кабудизоркунӣ фаъолона иштирок мекардем, то дар зебоии пойтахти азизамон саҳмгузор бошем. Яъне шаҳрванди пойтахт бояд масъулият ва маърифати баланд доштаю ғамхор бошад. Душанбе ифтихори мост, мо онро бояд ҳамеша тозаю озода нигоҳ дорем ва ҳамзамон, ба меҳмонон хуб муаррифӣ кунем.

Маърифати ҳуқуқӣ қисми таркибии маърифати умумибашарист, ки хирадмандони миллати мо дар рушди он саҳми босазо гузоштаанд. Бале, мо анъанаҳои нек ва фарҳанги бузурги ахлоқӣ дорем ва онҳоро имрӯз бояд эҳё намоем, такмил диҳем ба фарҳанги имрӯзаи ҳуқуқӣ мутобиқ созем. Дар баробари ифтихор аз гузаштаамон бояд дар амал маърифати баланд, ахлоқи ҳамидаро касб кунем. Агар худро давомдиҳандаи маърифати баланди бузургонамон, ба мисли Рӯдакӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷалолиддини Балхӣ, Имоми Аъзам, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода ва дигарон шуморем, бояд фарҳанги ҳуқуқиамон низ аз ҳамон фарҳанги волои гузаштагонамон маншаъ гирад. Бале, мо ифтихор мекунем, вале баъзан пайравӣ аз ахлоқи ҳамидаи ниёгонамонро канор гузошта, баръакс, ба фарҳанги бегона тақлид менамоем.

Бо назардошти ҳамин нуктаҳо Пешвои миллат соли 2024-умро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карданд. Яъне баланд бардоштани маърифатӣ ҳуқуқӣ яке аз заминаҳои рушди ҷомеа, барпо кардани давлати демократию ҳуқуқбунёд буда, ба таъмини амнияти ҳар як шаҳрванд, ба ҳуқуқвайронунӣ роҳ надодани тамоми шаҳрвандон мусоидат мекунад.

**- Зарурати қабули қонунҳои зиёд ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар чист?**

- Ин талаботи замон аст. Муносибатҳои ҷамъиятӣ рушд меёбанд. Мо узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонем. Тағйироту дигаргуниҳое, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд меоянд, ба рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар кишвари мо таъсир мерасонад. Масалан, рушди иқтисоди рақамӣ, шартномаҳои электронӣ, бастан ва иҷрои шартномаҳо дар фазои маҷозӣ ва ғайра тақозои замон буда, роҳандозии онҳо дар ҷумҳурии мо низ заруру манфиатовар аст. Дар моддаи 521-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «ҳуқуқи рақамӣ» пайдо шуд. Яъне бо рушд ёфтани ҷомеа муносибатҳо низ рушд меёбад. Агар мо қонунҳоро ба раванди ҷомеа мувофиқу мутобиқ ва тағйиру иловаҳо ворид накунем, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро шарҳу тавзеҳ надиҳем, мухолифати қонунҳо, номуайянӣ ба вуҷуд омада, дар натиҷа ҳуқуқу озодиҳои инсон халалдор гардида, ба арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон таъсири манфӣ мерасонад.

Вобаста ба ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ мо бояд сатҳи донишу фарҳанг ва маънавиёти худ, аз ҷумла маърифати ҳуқуқиамонро баланд бардорем. Вақте ба кадом давлати дунё сафар мекунӣ, бояд се чиз - забон, қонуну тартибот ва таърихи онро ба қадри зарурӣ бидонӣ. Дар ин замина шаҳрвандони мо бояд, пеш аз ҳама, таърих, забон ва ҳуқуқҳои хешро хуб донанду дар бораи дигар давлатҳо низ ҳангоми зарурат маълумот дошта бошанд. Ҳуқуқи имрӯзаи мо хислати умумиҷаҳонӣ дорад, меъёрҳои ҳуқуқии мо имрӯз дар алоқамандӣ бо қонунҳои дигар кишварҳо қарор дорад. Ба кадом кишваре равӣ, агар тартиботу қонуни онро вайрон кардӣ, ба ҷавобгарӣ кашида мешавӣ. Маҳаки рушди инсон фақат забондонӣ нест. Вақте шаҳрванд ҳуқуқи хешро медонад, вай ба қонунвайронкунӣ даст намезанад, шаъну эътибори худро ҳимоя мекунад, эҳтироми ҷомеаро сазовор мегардад.

Дар муносибати давлат ва шаҳрвандон таъкид кардан зарур аст, ки шаҳрванд бояд давлатро эътироф намояд, бо Ватани худ ифтихор дошта бошад, дар навбати худ, давлат шаҳрвандашро, новобаста аз мавқеи иҷтимоияш эътироф, барои рушди ҳуқуқу озодиҳояш шароит муҳайё ва кафолати ҳимояи онҳоро таъмин намояд.

**- Тарбияи ҳуқуқиро аз кай оғоз кардан лозим, ки самаровар бошад?**

- Тарбияи ҳуқуқӣ бояд аз овони кӯдакӣ оғоз ёбад. Ин ҳам аз ахлоқу маънавиёти падару модар ва аҳли оила вобастагии зич дорад. Аз кӯдакӣ падару модар ба фарзанд бояд фаҳмонанд, доимо таъкид кунанд, ки онҳо шохи дарахтонро нашикананд, обро ифлос накунанд, дар кӯча боодобу хушахлоқ бошанд, калонсолонро эҳтиром намоянд. Кӯдакону наврасонро то зарурат нашавад, ба дасташ пул дода ба мағоза ё бозор равон кардан лозим нест. Агар ба ин кор зарурат ҳам пайдо шуд, ба фарзанд бояд фаҳмонанд, ки дар бозору мағоза чӣ тавр рафтор намояд, аз дӯкону растаҳо ягон чизро нагирад ва ғайраҳо. Вақте фарзандро ба мактаб мегуселонанд, бояд таъкид намоянд, ки ба дарсҳо дуруст диққат диҳад, сабақи муаллимонро хуб аз худ кунад, дар роҳ то мактаб ва дар таълимгоҳ беодобӣ накунад. Дар навбати худ, омӯзгорон бояд ҳатман маърифату фарҳанги ахлоқию ҳуқуқӣ дошта бошанд, зеро кори тарбия танҳо бо як китоб намешавад. Дар мактабҳо тестҳо ва маҷмуи масъалаҳоро вобаста ба маърифати ҳуқуқии толибилмон зиёд кардан лозим.



**- Яъне дар оила ва мактаб заминаи маърифати ҳуқуқии шахсро бояд пайдо кард, то вай аз хубу бад огоҳ бошад, хайрро аз шарр ҷудо карда тавонад, ба қонунвайронкунӣ, ҷинояткорӣ даст назанад.**

- Бале. Тарбияи ҳуқуқию ахлоқиро минбаъд дар коллеҷу омӯзишгоҳҳо, донишкадаю донишгоҳҳо идома бояд дод. Дар сурати бо донишҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқию маънавӣ мусаллаҳ будан он наврас ва ё ҷавон дар оянда ҳамчун шахси бомаърифату боандеша ва масъулиятшинос ба Ватан хизмат мекунад. Маҳз, чунин инсонҳо боиси пешрафти ҷомеа ва давлат мегарданд, ба шарофати чунин нафарони тарбиятдида сатҳи ҷинояткорӣ паст мешавад, дар тамоми соҳаҳо шахсони дорои нияту дасту дили пок афзоиш меёбад, фиребу дуздидани моликияти ҷамъиятӣ, хусусан ришвагирӣ, кам ва оромию осудагии ҷомеа таъмин мегардад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак»-ро қабул кардем, барои чӣ? Маҳз, барои ин ки падару модарон масъулияти худро хубтар дарк кунанд, нисбати тарбияи фарзандон бепарво набошанд. Татбиқу риояи ин қонун ҳам ба тарбияи хуби насли наврасу ҷавон, баланд гардидани маърифати ҳуқуқӣ, ахлоқи ҳамида ва омӯзишу донишгирии онҳо мусоидат мекунад. Имрӯзҳо ба мушоҳида мерасад, ки ахлоқи баъзе наврасону ҷавонон коста шудааст, дар таълимгоҳҳо миёни хонандагон munoқишаҳо сурат мегирад, барои ҳаллу баррасии ин масъалаҳо кормандони ҳифзи ҳуқуқ ба мактабҳо мераванд. Чаро падару модарон ва муаллимон ин корҳоро пешгирӣ намекунанд? Дар ин бора бояд андеша кард.

Дар мактабҳо дарсҳои тарбиявиро бо сифати баланд гузаронида, мунтазам бо аҳли илму фарҳанг, собиқадорон суҳбату мулоқотҳо ташкил кардан лозим. Роҷеъ ба масъалаҳои мавриди назар дар курсҳои такмили ихтисоси муаллимон барномаҳои мушаххасу манфиатовар роҳандозӣ кардан зарур аст. Ба ҷои санҷишу тафтишҳои зиёде, ки дар мактабҳо сурат мегирад, хуб мебуд бештар чунин мулоқоту ҷамъомадҳо ташкил карда шавад.

**- Аз суҳбат бо Шумо чунин хулоса бармеояд, ки барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ бояд тамоми ҷомеа саҳмгузор бошад?**

- Бале, тавре дар боло ишора кардем, маърифати ҳуқуқӣ ин танҳо барои шаҳрванди одӣ хос нест. Шахсони масъулу мансабдор низ бояд аз донишу маърифати ҳуқуқӣ бархӯрдор бошанд. Маҳз, онҳо бояд намуна бошанд, зеро омма аз пушти онҳо меравад, ба сухани онҳо гӯш мекунад. Як чизи муҳим аст, баъзе инсонҳо метавонанд шуур ва маърифати ҳуқуқӣ дошта бошанд, лекин фарҳанги ҳуқуқӣ надоранд ва дидаю дониста ба ҳуқуқвайронкунӣ роҳ медиҳанд. Бубинед, шахси мансабдор, масъул ва ё шаҳрванди одӣ агар фарҳанги волои ҳуқуқӣ дошта бошад, магар ришва мегирад, ё ришва медиҳад, суиистифода аз мансаб мекунад, ба дигар корҳои ношоям даст мезанад? Албатта, не! Ин нуктаҳо бори дигар аз зарурату дурандешии Пешвои миллат дарак медиҳанд, ки чунин иқдомро пеш гирифтанд ва соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон шуд.

***Муаррифӣ:*** Маҳмад Раҳимзодаро ҳамчун олими шинохтаи соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он мешиносанд. Вай давоми беш аз 45 соли фаъолияти меҳнатӣ зиёда аз 480 рисолаи илмӣ, китобҳои дарсию воситаҳои таълимӣ-методӣ, тафсирҳо ва мақолаҳои илмию оммавӣ ба нашр расонидааст. Асарҳои ӯ берун аз кишвар низ ба забонҳои русӣ, англисӣ, олмонӣ ва форсӣ рӯи чоп омадаанд.

Маҳмад Раҳимзода ду даъват вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Вай аввалин директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Заҳматҳои Маҳмад Раҳимзода бо Ордени «Иттиҳод»-и Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ, Медали 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвони фахрии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон ва Ҷоизаи давлатии ба номи Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи илм қадрдонӣ шудааст.

---

**Мусоҳиб**
**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

Китобиёт

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ




**Чанде пеш КВД КТН «Шарқи озод» монографияи муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум», номзади илмҳои сиёсӣ Далер Абдулло зери унвони «Пешвои миллат ва таҳкими истиқлоли давлатӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)»-ро аз чоп баровард. Китоби мазкур аз лиҳози мазмуну муҳтаво фарогир ва саривақтӣ буда, муаллиф бо истинод ба далелу рақамҳои асоснок таҳлил ва пажӯҳиши муҳимро анҷом додааст.**

Қайд кардан бамаврид аст, ки Далер Абдулло ҳамчун рӯзноманигор ва муҳаққиқи нуктасанҷ дер боз дар мавзуи зикршуда дар матбуоти даврӣ андешаҳояшро холисона баён мекунад. Силсиламақолаҳояш, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» зери унвонҳои «Аз сипосгузории Роҳбари давлат то пайомади бетафовутӣ ба меъёрҳои Конститутсия», «Ғамхориву эътимод ба ҷавонон яке аз фазилатҳои Пешвои миллат аст», «Истиқлолияти давлатӣ ва давлатдории Эмомалӣ Раҳмон», «Ҷаҳонишавии Наврӯз. Ормоне, ки ба шарофати Пешвои миллат воқеият гардид», «Муҳаббатномаи мардум ба фарзанди фарзонаи миллат» ва ғайра ба табъ расида буданд, миёни хонандагони сершумор ҳамовозии гарму ҷӯшон пайдо карда, рӯзномаҳои зиёде онҳоро бознашр намуданд.

Вақте кас мақолаҳои бо сидқу самимият навиштаи Далер Абдуллоро мутолиа мекунад, дарк менамояд, ки воқеан муаллиф бинобар донишу касбияти баланд доштанаш дар бозгӯӣ намудани шахсияти Пешвои миллат муваффақ аст. Ӯ холисона бо факту рақамҳои мушаххас хидматҳои ба Ватану миллаткардаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро шарҳу тавзеҳ додааст.

Тавре муаллиф дар сарсухани китоб иброз намудааст, «мақсади таҳқиқоти мазкур муайян ва асоснок намудани заминаҳои сиёсии ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, ташаккули ниҳоди Пешвои миллат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши Пешвои миллат дар таҳкими давлатдории миллӣ мебошад».

Муаллиф зимни пажӯҳиш бештар аз методҳои илмҳои сиёсӣ, махсусан таҳлилӣ, таърихӣ, тарҳрезии сиёсӣ, системанокӣ, муқоисавӣ ва ояндабинӣ истифода намудааст.

Асосҳои назариявии пажӯҳиши муаллифро осори илмӣ ва таҳқиқоти олимони барҷастаи гузашта ва муосир, сиёсатмадорони сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ташкил медиҳанд, ки заминаи устувори таҳқиқи масъалаи устувори истиқлоли давлатӣ ва нақши шахсият дар таҳкиму ҳифзи онҳоро гузоштаанд. Ҳамчунин, ӯ дар раванди таҳқиқи мавзуъ аз асарҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, доираи васеи сарчашмаҳо, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва матолиби омории мақомоти гуногуни давлатӣ (бо зикри манбаъҳо) истифода намудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти муаллифро метавон ба таври зайл ифода намуд:

- якум, мазмун, моҳият ва хусусиятҳои илмию назариявии масъалаи истиқлоли давлатӣ таҳлилу муайян гардида, мавқеъ ва ақидаҳои сиёсӣ вобаста ба он асоснок карда шудаанд;

- дуюм, заминаҳои таърихию сиёсӣ ва консептуалии нақши сарвари сиёсӣ дар таҳкими давлатдорӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд;

- сеюм, моҳияти заминаҳои таърихию сиёсӣ ва василаҳои ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва асоснок карда шудаанд;

- чорум, сахми иҷлосияи тақдирсозе, ки дар «Қасри Арбоб»-и Хуҷанд доир гардид, дар ташаккули ниҳоди нави сарварӣ муайян карда шуда, мақом ва нақши Пешвои миллат дар бартараф намудани низои шаҳрвандӣ ва таҳкими истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон асоснок шудааст;

- панҷум, раванди ташаккул ва нақши ниҳоди президентӣ дар пойдор гардидани истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва ҳифзи дастовардҳои истиқлол муайян гардидааст;

- шашум, хусусияти ташаккули ниҳоди Пешвои миллат дар Тоҷикистон ҳамчун падидаи нави сиёсию ҳуқуқӣ омӯхта шуда, омилҳои тақвияти эътимоди ҷомеа ба он ҳамчун омили таҳкими истиқлоли давлатӣ ва ваҳдати миллӣ таҳлил ва асоснок карда шудаанд.

Далер Абдулло барҳақ таъкид намудааст, ки ба шарофати ҷонфидоӣ, поквиҷдонӣ, қонунмеҳварӣ ва ҷасоратмандии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давлатдории миллии тоҷикон аз вартаи нобудӣ наҷот ёфт, тамомияти арзии Тоҷикистон ҳамчун давлати ягона ҳифз шуд, аркони асосии сиёсӣ, идорӣ ва қудратии давлатдории миллии мо барқарор гашт, миллати тоҷик ҳамчун воҳиди ягонаи сиёсию этнофарҳангӣ эҳё ва ҳифз гардид. Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон таъмин шуд ва ниҳоят, Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ҷойгоҳи устувори худро дар арсаи байналмилалӣ касб намуд.

«Аз ин лиҳоз, қадршиносии хизматҳои Абармарди дунёи сиёсат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рисолати ватандорӣ ва қарзи фарзандии ҳар шаҳрванди баору номуси Ватан буда, бояд шурӯъ аз муҳити хонавода талқин гардад», - хулоса намудааст муаллиф дар сарсухани китоб.

Хуб мешуд, ки монографияи мазкур ба дигар забонҳо, аз ҷумла англисӣ, арабӣ ва русӣ, тарҷума шавад. Ин асар аз дигар китобҳои дар бораи хизматҳои арзандаи Президенти мамлакат навиштаашуда бо далелҳои қавии илмӣ, таҳлили нуктасанҷона ва факту рақамҳои мушаххас фарқ мекунад. Боварӣ дорем, ки ин иқдом дар муаррифии бештари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи илмии ҷомеаи ҷаҳонӣ хизмати шоиста хоҳад гардид.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ КИ ЗАИФ ШУД...

**Шаҳру деҳоти кишварамон сол ба сол ободу боз ҳам шукуфон мегарданд. Биноҳои бошукӯҳ, гулгашту хиёбонҳои зебо, роҳҳои мумфарш нишонаи рушди босуботи давлат аст. Ҳар гоҳе ба дилхоҳ шаҳру ноҳия равем, чашмамон ба қасрҳои фарҳанг меафтад, ки ҳар яке аз дигаре бо меъмории хоси худ фарқ мекунанд. Ин ба он маъност, ки барои густаришу пурғановат гаштани фарҳанги миллӣ талош доимист. Дар робита ба ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии кишвар 28-уми декабри соли 2024 таъкид намуданд: «Иқдомоти дар замони соҳибистиқлолӣ амалинамудаи Ҳукумати мамлакат ба рушди фарҳанг, ҳифзи меросу анъана ва суннату арзишҳои миллӣ ва дар натиҷа, ба раванди болоравии сатҳи маънавиёти ҷомеа такони бузург бахшиданд».**




Сарвари давлат, ҳамчунин, зикр карданд, ки «фарҳанг ҳастии миллат аст» ва ёдовар шуданд, ки «агар соли 2000-ум аз буҷети давлатӣ барои соҳаи фарҳанг ва варзиш ҳамагӣ 13 миллион сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2024-ум ин нишондиҳанда 1 миллиарду 716 миллион сомониро ташкил дод. Тайи 33 соли истиқлоли давлатӣ дар кишвар 18 театр, 50 қасри фарҳанг, 14 мактаби санъат, 126 китобхона, 61 боғи фарҳангу фароғат ва 20 осорхона бунёд шуд, ки имрӯз ҳамаи онҳо ба мардуми Тоҷикистон хизмат карда истодаанд. Танҳо дар се соли охир 167 иншооти фарҳангу фароғат бунёду азнавсозӣ ва аз таъмири асосӣ бароварда шуд. Имрӯзҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ сохтмон ва барқарорсозии 14 муассисаи соҳаи фарҳанг идома дорад».

Барҳақ, дар дунё миллате пойдор мемонад, ки пеш аз ҳама, забону фарҳанги худро ҳифз намояд. Вобаста ба ин Пешвои миллат махсус таъкид карданд: «Роҳбарони шаҳру ноҳияҳо ибрат гиранд ва андеша кунанд. Муассисаҳои соҳаи фарҳанг бояд дар маркази диққати онҳо қарор дошта бошанд. Зеро фарҳанги миллӣ ки заиф шуд, ҷояшро фарҳанги бегона пур мекунад».

Зимнан, Президенти кишвар аз он нигаронӣ карданд, ки ҳоло дар кишвар 75 муассисаи садамавӣ ва 368 муассисаи таъмирталаби соҳаи фарҳанг вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, ба Вазорати фарҳанг ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дастур доданд, ки то Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ камбудиву мушкилоти ҷойдоштаи соҳаро пурра бартараф намоянд.

Ҳамчунин, роҳбарони шаҳру ноҳияҳо вазифадор шуданд, ки дар ин муддат дар маркази ҳар як шаҳру ноҳияи мамлакат мактаби мусиқӣ сохта ба истифода диҳанд. «Мо дар соҳаи фарҳанг истеъдодҳои зиёде дорем, ки гулчин ва тарбия кардани онҳо вазифаи мову шумост»,- таъкид карданд Пешвои миллат.

Сарвари давлат ба баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва худшиносии шаҳрвандон таваҷҷуҳи пайваста доранд. Биноан, солҳои охир озмунҳои гуногунро ташкил ва сарпарастӣ менамоянд. Аз ҷумла, озмунҳои ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат». Дар ин озмунҳо шумораи зиёд аз қишрҳои гуногуни ҷомеа иштирок намуда, таври шоиста қадрдонӣ мешаванд. Тавре Президенти кишвар зимни ироаи Паёмашон изҳор намуданд: «Дар шаш сол дар Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» 21 ҳазору 500 нафар иштирок карда, қариб 500 нафари онҳо соҳиби ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм гардидаанд. Дар озмунҳои ҷумҳуриявии дигар, аз ҷумла «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» низ то имрӯз 2 миллиону 60 ҳазор нафар шаҳрвандони кишвар, хусусан наврасону ҷавонон, иштирок карда, қариб 1000 нафар соҳиби шоҳҷоиза, ҷойҳои намунавӣ ва ҷоизаҳои пулӣ гардидаанд». Чунин таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ ҳар шахси худшиносу худогоҳро водор месозад, ки бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу ваҳдати комил ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ барои ободии бештари Ватани азизу маҳбуб ҷидду ҷаҳд намояд.

**Марҷона СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»**

# ДУШАНБЕ. 17 ГУЗАРГОҲ АЗ БАЙН БАРДОШТА ШУД

**Дар шаҳри Душанбе бо мақсади танзими ҳаракати нақлиёт ва пешгирии танбашавӣ дар роҳҳо 17 гузаргоҳҳои пиёдагардон аз байн бардошта шуд.**



Тибқи иттилои раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, ин гузаргоҳҳо ба ҳам наздик буда, ба қобилияти гузариши роҳҳои автомобилгард таъсири манфӣ мерасонданд. Санҷиши мутахассисон нишон дод, ки ҷойгиршавии гузаргоҳҳо ба меъёрҳои муқарраршуда мувофиқат намекунад.

Бо супориши роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе мутахассисон ин гузаргоҳҳоро аз байн бардоштанд. Корҳо дар доираи барномаи беҳтар намудани инфрасохтори нақлиётии шаҳр, ки барои ронандагон ва пиёдагардон шароити бехатар ва осонтарро фароҳам меорад, идома хоҳанд ёфт.

**Фархунда АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

# ХОВАЛИНГ. БА БУҶЕТ 63 МИЛЛИОН ВОРИД ГАРДИД

**Соли 2024 дар ноҳияи Ховалинг нақшаи андоз бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 127 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 63 миллиону 66 ҳазор сомонӣ ворид шуд.**




Сардори нозироти андози ноҳия Фаррух Мирзоев изҳор дошт, ки ба буҷети давлатӣ 63 млн. 66 ҳазор сомонӣ ворид шуд, ки нисбати нақша 13 миллиону 406 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2024 нақшаи ҳама намуди андозҳо дар ноҳия аз ҳисоби пайдоиши манбаъҳои нави андозбандӣ, кам кардани бақияпулиҳои қарзи андози аз солҳои пешин монда, муассисаҳои нав ва зиёд шудани теъдоди соҳибкорон пурраю барзиёд иҷро гардиданд. Аз ҷумла, нақшаи андоз аз молу мулки ғайриманқул дар ноҳияи Ховалинг 129,1 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 3 миллиону 824 ҳазор сомонӣ ворид шуд.

Номбурда иттилоъ дод, ки бақияпулиҳои қарзи андоз дар ноҳия беш аз ҳашт миллион сомониро ташкил медод. Ҷиҳати кам кардани бақияпулиҳои андоз ва пешгирии зиёдшавии он аз тарафи кормандони андози ноҳия тадбирҳои зарурӣ андешида шуд. Аз ҷумла, нисбати КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳия, ки тӯли даҳ сол дар назди буҷет қарздор буд, чораҳои таъсирбахш андешида шуда, 200 ҳазор сомонӣ қарзи он пурра ба буҷет ворид гардид. Инчунин, аз ҳисоби идораи обу корези ноҳия низ маблағи 200 ҳазор сомонӣ қарзи андоз ба буҷети давлатӣ пардохт шуд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

**Соли гузашта варзишгарони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар 22 мусобиқаи ҷумҳуриявӣ, 15 чемпионат ва 8 мусобиқаи байналмилалӣ иштирок намуда, соҳиби 453 медал - 87 тилло, 167 нуқра ва 199 биринҷӣ шуданд.**

# ШАКАРМАМАД МИРМАМАДОВ - БЕҲТАРИН ВАРЗИШГАРИ СОЛИ 2024-И ВМКБ




Дар ин хусус Алишер Мирзонабот, раиси ВМКБ, зимни қадрдонии ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ, ки дар Театри вилоятии ба номи Меҳрубон Назарови шаҳри Хоруғ сурат гирифт, иттилоъ дод.

Номбурда, инчунин, тавзеҳ дод, ки соли 2024 бо пешниҳоди Тоҷикистон қатъномаи СММ оид ба эълон намудани Рӯзи ҷаҳонии футбол қабул гардид ва татбиқи ин иқдоми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои миллати тоҷик мояи ифтихор аст.

Мавриди зикр аст, ки соли равон дар Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» аз 95 ғолиби даври вилоятӣ як нафар соҳиби шоҳҷоиза, ду нафар мақоми дуюм ва 8 нафар ба гирифтани ҷойи сеюм мушарраф гардида, 11 кас соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ шуданд.

Дар Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» бошад, панҷ нафар дар номинатсияҳои овозхонӣ - жанри академӣ, навозандагӣ - жанри эстрадӣ, дизайн – жанри муд, навозандагӣ - жанри анъанавӣ, навозандагӣ - жанри эстрадӣ ҷойҳои намоёнро ишғол намуданд.

Ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ бо ифтихорнома, туҳфаҳои хотиравию мукофотпулӣ қадр ва варзишгар Шакармамад Мирмамадов беҳтарин варзишгари соли 2024-и ВМКБ дониста шуд.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**

# МУИН ҒАФУРОВ ДАР UFC ҲАРИФИ ШИКАСТНАДИДАИ ҶОПОНИЯШРО МАҒЛУБ КАРД

**Размкори тоҷик дар мусобиқаи байналмилалии UFC 311, ки дар Лос-Анҷелес баргузор шуд, ҳунарнамоӣ карда, пирӯзии навбатиро ба даст овард.**



Муин Ғафуров рақиби худ Риня Накамураи ҷопониро шикаст дод. Риня Накамура қаҳрамони ҷаҳон оид ба гӯштини озод байни ҷавонон мебошад. Ин аввалин шикасти Накамура аст.

Мубориза се давр давом кард ва дар натиҷа бо қарори якдилонаи доварон пирӯзӣ насиби намояндаи Тоҷикистон гардид.

Ёдовар мешавем, ки набарди охирини ӯ моҳи июни соли 2024 дар мусобиқаи UFC дар Ар-Риёз (Арабистони Саудӣ) доир шуда, Кюнг Ҳо Канги кореягиро шикаст дода буд. Ӯ дар корномааш 21 ғалаба ва 6 бохт дорад.

М. Ғафуров фаъолияти касбии худро соли 2013 оғоз карда, тӯли даҳ сол 23 зӯрозмоӣ кардааст. Қаблан варзишгар дар мусобиқаҳои лигаҳои ACA, ONE FC, ADW ширкат дошт. Соли 2013 дар 19-умин Чемпионати ҷаҳон оид ба самбои размӣ дар вазни 62 кг дар шаҳри Москва ғолиб омада буд. Он замон дар сабқати ниҳоӣ бар Абзал Абилдошев аз Қазоқистон пирӯз шуд.

**Гулбаҳор РАҲМОНОВА, «Садои мардум»**

Номаи бетаҳрир

# ВАРЗОБ. ОМАДАНИ СЕЛ АЗ ЭҲТИМОЛ ДУР НЕСТ



**Мо, истиқоматкунандагони деҳаи Меҳрободи деҳоти Чорбоғи ноҳияи Варзоб, ба самъи шумо мерасонем, ки рӯзи 5-уми майи соли 2024 ҳангоми омадани сел аз дарёи Лучоб об аз соҳил баромада, маҳаллаи Меҳрободро валангор сохт. Қобили қайд аст, ки Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мавзеи селзада дидан карда, ба масъулини вазорату идораҳои дахлдор супориш доданд, ки соҳилбандӣ ҳар чӣ зудтар ба анҷом расонида шавад.**

Дар ниҳоят, намояндагону масъулини Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо аҳолии ин деҳа соҳилро муваққатан барқарор намуданд. Яъне, соҳили дарё ба дигар самт гардонида шуд, вале ин чораҷӯии муваққатӣ маҳсуб меёфт.

Аз чӣ буд, ки мутасаддиёну масъулини сохторҳои давлатии ноҳия борҳо ваъда дода буданд, ки соҳилбандиро дар масофаи 150 метр сомон мебахшанду маҷрои дарёро мустаҳкам мекунанд, вале то имрӯз дар ин самт коре ба анҷом расонида нашудааст. Мутаассифона, то ҳол ваъдаҳо хушку холианд ва кор дар ин минтақаи зарардида идома наёфт.

Мардуми деҳа аз ин вазъи хеле муташанниҷу ташвишовар тариқи хаттӣ чандин маротиба ба масъулини Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муроҷиат намуданд, аммо то ҳол мунтазири ҷавобанд.

Фасли баҳор, айёми селу обхезиҳо наздик аст. Тавре Саъдӣ Шерозӣ фармудааст:

**Сари чашма шояд гирифтан ба бел,**
**Чу пур шуд, нашояд гузаштан ба пил!**

Акнун мо, мардуми деҳа, ба куҷо муроҷиат карданамонро намедонем. Дар охир ба хулосае омадем ва бо умеду боварии зиёд ба рӯзномаи «Садои мардум» (нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) муроҷиат карда, боварии комил дорем, ки мушкили моро ба мутасаддиёни идораҳои марбута расонида, вазъиятро ҳар чӣ зудтар ҳаллу фасл менамоянд.

**Бо эҳтиром, сокинони маҳаллаи Меҳрободи ноҳияи Варзоб (ҷамъ: 51 имзо)**

# ПРИГЛАШЕНИЕ НА ПОДАЧУ КОТИРОВОК

## ПЕЧАТЬ И РАСПРЕДЕЛЕНИЕ 160 000 КНИГ ДЛЯ ДОШКОЛЬНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ (ДОУ)

**Название проекта:** Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала

Республика Таджикистан получило грантовое финансирование со стороны Всемирного банка для покрытия расходов Проекта «Раннее развитие детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане» и намерена использовать часть средств на печать и распределение 160 000 книг для дошкольных образовательных учреждений (ДОУ).

Исходя из вышесказанного ГРП МФ РТ проводит тендер по ниже заявленному пакету и любезно просит заинтересованные компании/фирмы предоставить свои котировки на:

**1. Печать и распределение 160 000 книг для дошкольных образовательных учреждений (ДОУ).**

При подготовке коммерческого предложения фирмы должны руководствоваться прилагаемой формой, которую можно получить по указанному ниже адресу или по электронной почте с 9:00 до 15:00 по местному времени.

Котировки и другая дополнительная информация должны быть представлены по электронной почте или в печатном виде по указанному ниже адресу до **15:00, 5 февраля 2025 года.**

**Министерство финансов Республики Таджикистан**

**ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе.**

**(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ).**

**E-Mail: jobs.info@ecdp.tj Тел: (37) 221 06 91.**

# СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ЗАКУПКАХ

## Запрос предложений

## (ПРОЦЕСС ОДНОКОНВЕРТНЫХ ТОРГОВ)

**Страна:** Таджикистан

**Название проекта:** Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане

**Название контракта:** Ремонт 63 существующих центров раннего обучения (ЦРОД):

Лот 1 – район Файзабад (28 ЦРОД);

Лот 2 – район Варзоб (12 ЦРОД);

Лот 3 – район Таджикабад (12 ЦРОД);

Лот 4 – район Джоми (11 ЦРОД).

**Грант №:** D607-TJ

**Ссылка на ПУТ:** MOF/ECDP/RFB/024/5

1. Группа реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане при Министерстве финансов Республики Таджикистан, являющегося исполнительным Агентством Проекта, получил финансирование со стороны Всемирного банка в счет стоимости Проекта раннего детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане, Грант D607-TJ и намеревается применить часть средств для осуществления выплат по контрактам ремонт 63 существующих центров раннего обучения (ЦРОД):Лот 1 – район Файзабад (28 ЦРОД); Лот 2 – район Варзоб (12 ЦРОД); Лот 3 – район Таджикабад (12 ЦРОД);

Лот 4 – район Джоми (11 ЦРОД).

2. Группа реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане при Министерстве финансов Республики Таджикистан, настоящим приглашает правомочных участников торгов к подаче запечатанных конкурсных предложений на: Лот 1 – район Файзабад (28 ЦРОД); Лот 2 – район Варзоб (12 ЦРОД); Лот 3 – район Таджикабад (12 ЦРОД) и Лот 4 – район Джоми (11 ЦРОД).

3. Все объекты ремонта ЦРОД предусматривают средний ремонт для обеспечения нормальных условий функционирования объекта, включая демонтаж и установку новых электрических проводов, замену трубопроводов, демонтаж и установку внутренних отделок стен, потолков и полов и т.д.

4. Участники торгов могут подавать конкурсные предложения по одному или нескольким контрактам, как это дополнительно определено в тендерной документации. Участники торгов, желающие предложить скидки в случае присуждения более одного контракта, могут сделать это при условии, что эти скидки включены в письмо с конкурсным предложением.

5. Торги будут проводиться в рамках национальных конкурсных закупок с использованием приглашения к участию в торгах (ПУТ), как указано в руководстве по закупкам товаров, работ и неконсультационных услуг заемщиками Всемирного банка по займам МБРР и кредитам и грантам МАР опубликованный «Правила закупок для заемщиков ФИП» Всемирного банка (июль 2016 года, пересмотренные в ноябре 2017 года и августе 2018 года) - Закупки в рамках финансирования инвестиционных проектов товары, работы, неконсультационные и консультационные услуги)», и открыты для всех участников торгов, как это определено в Положениях о закупках.

6. Заинтересованные правомочные участники торгов могут получить дополнительную информацию от г-на Маджиди Юсуфа Хайрулло Директора Группы реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане, по адресу эл. почты info@ecdp.tj и ознакомиться с тендерной документацией в рабочее время. с 09:00 до 17:00 по указанному ниже адресу: г .Душанбе, ул. Шероз 35, 7-ой этаж здания Министерства финансов Республики Таджикистан. Тендерная документация на русском языке может быть приобретена заинтересованными правомочными Участниками торгов после подачи письменной заявки по указанному ниже адресу на безвозмездной основе.

7. Конкурсные предложения должны быть доставлены по указанному ниже адресу улица Шотемур 27, Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, отдел по закупкам. Тендерный ящик № 1, город Душанбе Республика Таджикистан, не позднее 19 февраля 2025 г., 15:00 по местному времени.

8. Конкурсные предложения будут вскрыты публично в присутствии назначенных представителей Участников торгов и всех тех, кто пожелает присутствовать, по указанному ниже адресу: улица Шотемур 27, Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, Отдел по закупкам город Душанбе, Республика Таджикистан 19 февраля 2025 г., 15:00 по местному времени.

Электронные торги не будут разрешены. Запоздалые заявки будут отклонены.

9. Все конкурсные предложения должны сопровождаться гарантией обеспечения конкурсного предложения: MOF/ECDP/RFB/024/5 (Лот-1): 49 000,00 сомони MOF/ECDP/RFB/024/5 (Лот-2): 26 000.00 сомони MOF/ECDP/RFB/024/5 (Лот-3): 25 000,00 сомони MOF/ECDP/RFB/024/5 (Лот-4): 33 000.00 сомони

10. «Обращается внимание на Положения о закупках, требующие от Заемщика раскрывать информацию о бенефициарном владении победившего участника торгов в рамках уведомления о присуждении контракта, используя Форму раскрытия информации о бенефициарной собственности, включенную в тендерный документ.» – не применимо.

11. Упомянутый выше адрес(а):

Офис: Группы реализации Проекта раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане.

Имя и должность сотрудника: Маджиди Ю.Х. Директор ГРП РРД.

**Адрес: ул. Шероз 35, 7-ой этаж здания Министерства финансов РТ, г. Душанбе, Республика Таджикистан,**

**электронной почты: info@edcp.tj.**

**Веб-сайта: Ecdp.tj**

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 426909 | Беморхонаи вилоятии ба номи А. Ҳақназарови шаҳри Кӯлоб | Молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 16 | 12.02.2025 16:29:21 |
| 2 | 426910 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 85 | 13.02.2025 13:50:50 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «**Сана ва вақти кушодани лифофаҳо**» муайяншуда пешниҳод намоянд. Мухлати мукарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.


# «ДОКТОР ДЖОН»

*ШУМОРО ГОҲ СУЛФАВУ ГОҲ ХОРИШУ ДАРДИ ГУЛӮ НОРОҲАТ МЕСОЗАД?*

**МУШКИЛЕ НЕСТ!**

Ҳатман қандакҳои **«Доктор Джон»**-ро аз дорухонаҳо харидорӣ намуда, онро бо худ гиред ё дар киса гузошта гардед. Дар лаҳзаҳои лозимӣ барои хӯрдани он ба шумо об, пиёла ё сачоқча лозим намешавад. Ҳатто ба ёру коргарону шиносонатон дар ҳолати сулфа, хориш ё дарди гулӯ ва атса заданашон метавонед бо **«Доктор Джон»** ёрирасон бошед.

Таркиб: решаи ҳаққонии «солодки» бо равғани филтршудаи эвкалипт.

Таваҷҷуҳ: **«Доктор Джон»** рангаш сурх буда, бо қаланфур омехта шудааст. Он ба шахсоне, ки дӯстдори таъми тез ҳастанд, тавсия мешавад.

***Истеҳсолкунанда***

***НПВ «Вулкан», Россия.***






# АЗ ФАРБЕҲӢ АЗИЯТ МЕКАШЕД?

**Чӣ гуна аз вазни зиёдатӣ халос шуданро намедонед?**

**ПАС, ШИТОБЕД!**

Бо нархи арзон метавонед аз дорухонаҳо дастрас намоед.

Фитомаҷмуи **«Камак-камак»** фарбеҳиро рафъ сохта, иштиҳоро кам гардонида, шикамро ба андозаи пештарааш бармегардонад.

**Аз дорухонаҳо пурсон шавед. *Истеҳсолкунанда Россия.***

# ПОПУЛИН

## – ДАВОИ СУЛФАИ ДУРУДАРОЗ

**ПОПУЛИН** воситаи камназир ҷиҳати табобати бемориҳои шадиди сироятии роҳи нафас, сулфаи дурударозу сабабаш номаълум ва ҳамчунин, паразитӣ буда, барои пешгирии бемориҳои талхадон, никрис, тарбод ва ҳатто сил тавсия мешавад. **ПОПУЛИН** таъсири бештару безарар дошта, барои ҷигар низ манфиатбахш аст. Ҳарорати баландро муътадил намуда, фаъолияти меъдаву рӯда ва хунукиҳои кухнаи музминро аз байн мебарад.

**Тарзи истеъмол:** як қошуқча (5 г) даворо дар 100 мл. об нағз омехта, дар вақти хӯрокхӯрӣ рӯзе 1 маротиба истеъмол кардан зарур аст.

**Муҳлати табобат: 30 рӯз.**

***Истеҳсолкунанда***

***ООО «Биолит», Россия.***




# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва Иқтибоси гумшуда аз феҳрасти ягонаи соҳибкорони инфиродӣ, ки онҳоро Нозироти андоз дар ноҳияи Сино 24 ноябри соли 2015, ба Умаров Шукрулло Шӯҳратҷонович (РМА 046097451, РЯМ 0430204858) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 5 сентябри соли 2013, ба Маҳмудов Назимҷон Ҷураевич (РЯМ 1230101116, РМА 025188308) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т- ШТА №0948353, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №111-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2013 ба Раҷабова Раҷабгул Ашуровна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи КТ №81439, ки онро Техникуми сохтмони шаҳри Душанбе соли 1988, ба Хайталиев Соатмурод Дӯстмуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Навбаҳор- 1, хонаи 324/1, ба Бегов Ҷумъабой Бобоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии №0632220, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ 17 июли соли 2024 таҳти №30756 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Чоряккорон, деҳаи Армуғон, қитъаи замин барои сохтмони анборхона, сехи пластикӣ, маҳсулоти сохтмонӣ ва рангубори мошинҳо, ба Махмадов Абдувалӣ Абдужанович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома ва иқтибоси гумшудаи ҶДММ «Навои руд» (РЯМ 1210011165, РМА 120041359), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 14 январи соли 2016, ба қайди давлатӣ гирифтааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Сароба, ба Партоев Додаржон додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ ва фермаи чорво, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Шайнаки гадо, ба Қурбонов Файзиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Қарори гумшудаи №2576, ки онро Комиссия оид ба қонунигардонии молу мулки шаҳри Ваҳдат 29 июни соли 2009 бо суроғаи шаҳри Ваҳдат, ҷамоати деҳоти Баҳор, шаҳраки Шифо, хонаи истиқоматии берақам, ба Мирзоева Гавҳарой Холтураевна додааст, эътибор надорад.

✓ Маълумотномаи гумшуда оид ба озод будан аз хизмати ҳарбӣ бо силсилаи ҶТ №09225, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 13 июни соли 2022 ба Инатулоев Абдусамад Зафарович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи истиқоматии бинои истиқоматии ҷудогона, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Ғуломов, биноӣ 18/4, хонаи 26, ба Курганов Улуғбек Вадимович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Қосимов, биноӣ 7/4, хонаи 22, ба Бурҳонов Шарофудин додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи АБ №094498, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №43-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2000 ба Одинаева Фарангиз додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Лоҳутӣ, биноӣ 21, хонаи 24, ба Қодирқулов (ҳоло Вазиров) Ҷамшед додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶСП «Азиз ва КО» (РМА 040036649), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 15 майи соли 2012 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Пекин» (РЯМ 0110006087, РМА 010016918), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 19 декабри соли 2003 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Маҷиди Аҳлиддин» (РЯМ 0410041244, РМА 040063699), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 20 феврали соли 2023 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.


Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj

**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводи низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 24 январи соли 2025, соати 11:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33945 нусха*

Навбатдори шумора Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97